***УДК 343***
***DOI 10.24412/3005-8023-2024-1-37-44***

# ***ТАНЗИМИ ҶИНОЯТӢ-ҲУҚУҚИИ ИНСТИТУТИ ОЗОД КАРДАН АЗ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ, БО САБАБИ ПУШАЙМОНӢ АЗ КИРДОР ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ***

***Муҳаммадиев Бахтиёр Сунатович,***
*унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовиддинови АМИТ, шунавандаи академияи идоракунии ВКД Русия (Душанбе, Тоҷикистон)*

# ***УГОЛОВНО-ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ИНСТИТУТА ОСВОБОЖДЕНИЯ ОТ УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ВСЛЕДСТВИЕ ДЕЯТЕЛЬНОГО РАСКАЯНИЯ В УГОЛОВНОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН***

***Мухаммадиев Бахтиёр Сунатович,***
*соискатель Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова НАНТ, слушатель Академии управления МВД России (Душанбе, Таджикистан)*

# ***CRIMINAL LEGAL REGULATION OF THE INSTITUTE OF EXEMPTION FROM CRIMINAL LIABILITY DUE TO ACTIVE REPENTANCE IN THE CRIMINAL LEGISLATION OF FOREIGN COUNTRIES***

***Muhammadiev Bakhtiyor Sunatovich,***
*applicant of the Institute of Philosophy, Politology and Law named after NSAT, student of management Academy of MIA of Russia (Dushanbe, Tajikistan)*
***e-mail:*** *mbs-01@mail.ru*

*Таҳлили меъёрҳои баъзе давлатҳои хориҷӣ, ки дар онҳо асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар робита ба пушаймонӣ аз кирдор инъикос ёфтаанд, сурат гирифтааст. Зикр гардидааст, ки қонунгузории ҷиноятии бисёр давлатҳои муосир ин намуди озодкуниро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар меъёрҳои худ пешбинӣ мекунад. Асосҳои озодкунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар робита ба пушаймонӣ аз кирдор, ки дар КҶ давлатҳои хориҷӣ мавҷуданд аз бисёр ҷиҳат ба ҳам монананд, аммо хусусиятҳои муайяни худро низ доранд. Хусусиятҳои танзими қонунгузории ин намуди озодкунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ тавассути таҳлили муқоисавӣ – ҳуқуқии қонунгузории кишварҳои хориҷӣ зикр шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷавобгарии ҷиноятӣ, пушаймонӣ аз кирдор, кодекси ҷиноятӣ, давлатҳои хориҷӣ, пардохт кардани зарар, озод кардан, мусоидат ба ошкор намудани ҷиноят, шахсияти ҷинояткор, категорияи ҷиноят*

*Проведен анализ юридических норм законодательства отдельных зарубежных государств, в которых нашли отражение основания для освобождения от уголовной ответственности в связи с деятельным раскаянием. Отмечено, что уголовное законодательство многих современных государств предусматривает в своих нормах данный вид освобождения от уголовной ответственности. Основания для освобождения от уголовной ответственности в связи с деятельным раскаянием, содержащиеся в УК зарубежных стран, во многом сходны, но при этом имеют и определенные особенности. Указывается на особенности законодательного регулирования данного вида освобождения от уголовной ответственности при осуществлении сравнительно–правового анализа законодательства зарубежных стран.*

***Ключевые слова:*** *уголовная ответственность, деятельное раскаяние, Уголовный кодекс, зарубежные государства, возмещение ущерба, освобождение, содействие раскрытию преступления, личность преступника, категория преступления*

*The article analyzes the legal norms of the legislation of individual foreign countries, which reflect the grounds for exemption from criminal liability in connection with active repentance. It is noted that the criminal legislation of many modern states provides for this type of exemption from criminal liability in its norms. The grounds for exemption from criminal liability in connection with active repentance, contained in the Criminal Code of foreign countries, are in many ways similar, but they also have certain features. The peculiarities of legislative regulation of this type of exemption from criminal liability are pointed out when carrying out a comparative legal analysis of the legislation of foreign countries.*

**Key words:** *criminal liability, active repentance, criminal code, foreign countries, compensation for damage, release, assistance in solution of case, identity of the criminal, category of crime*

Принсипи инсондӯстии қонунгузории ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки давлат ҳангоми қабули қарор дар бораи ҷавобгарии шахси ҷиноят содиркарда аз ӯ қасос намегирад, баръакс, дар баъзе мавридҳо кӯшиш мекунад, роҳҳои аз оқибатҳои манфии ҷазои ҷиноятӣ наҷот додани ӯро коркард намояд [1, с.103]. Вобастагии иҷтимоии меъёрҳои пушаймонӣ аз кирдор бо зарурати рушди вазифаҳои пешгирикунанда ва барқарорсозии қонуни ҷиноятӣ, самараноксозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва аз нав иҷтимоигардонии шахси содиркардаи ҷиноят муайян карда мешавад [3, с.26].

Дар қонунгузории ҷиноятии бештари кишварҳои хориҷӣ, ба монанди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон муқаррарот дар бораи баҳодиҳии мусбат ба амали фаъоли ҷинояткор дар самти барои ҷомеа судманд, муқаррар гардидаанд. Меъёрҳо оид ба пушаймонӣ аз кирдор ҳангоми муайян кардани андозаи ҷавобгарӣ асоснок буда, қариб дар қонунгузории ҷиноятии тамоми кишварҳо ҷой доранд.

Барои мамлакатҳои ИДМ ҳалли масъалаҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба пушаймонӣ аз кирдор яке аз масъалаҳои мубрам мебошад. Ҳамчун асос барои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ пушаймонӣ аз кирдор дар Кодекси ҷиноятии моделии ИДМ – Санади тавсиявии қонунгузорӣ барои ИДМ (м. 74) [4] пешбинӣ гардидааст. Моддаи 74-и Кодекси ҷиноятии моделӣ шартҳои татбиқи пушаймонӣ аз кирдорро дар ҳолати бори аввал содир кардани ҷинояти начандон вазнин, ҳангоми ихтиёран омада, ба гуноҳи худ иқрор шудан, ба ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат кардан, зарари расонидаашро талофӣ намудан ё ин ки ба тариқи дигар зиёни расонидаашро рафъ кардан дар назар дорад. Ба ҳамин монанд муқаррароти институти пушаймонӣ аз кирдор дар маҷмӯъ дар моддаҳои дахлдори КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Русия, инчунин дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон (м. 72 72.1, 72.2) [5], Ҷумҳурии Арманистон (м. 72) [6] ва Белорус (м. 88) [7], Гурҷистон (моддаи 68) [8], Ҷумҳурии Қазоқистон [9] (м. 65), Молдова (м. 57) [11], Узбекистон (м. 66) [12], дар Украина (м. 45) [14] пешбинӣ шудааст.

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз монандии номгузории ин моддаҳо дар қонунҳои ҷиноятии кишварҳои дар боло қайдгардида, амалҳои инъикоскунандаи зуҳуроти пушаймонӣ аз кирдор гуногун мебошанд. Масалан, тибқи м. 88 КҶ Ҷумҳурии Белорус «Шахсе, ки бори аввал ҷинояти начандон вазнин ва ё дараҷаи миёна содир кардааст, агар пас аз содир намудани ҷиноят ихтиёрӣ омада, ба гуноҳи худ иқрор шавад ё ба ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат намояд, зарари расонидаашро талофӣ намояд, дороии беасосро баргардонад ва (ё) даромади бо роҳи ҷиноят бадастомадаро пардохт кунад ва ба суратҳисоби депозитии мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ, ҷуброни ҳуқуқӣ-чиноятиро ба андозаи то панҷоҳ фоизи зарари (зиёни) дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда, аммо на камтар аз понздаҳ воҳиди асосӣ пардохт намояд, мумкин аст аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад».

Бар хилофи м. 72-и КҶ ҶТ, КҶ Ҷумҳурии Белорус баргардонидани дороии беасос ва (ё) пардохт намудани даромади бо роҳи ҷиноят ба даст омада ва ба суратҳисоби депозитии мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ, ҷуброни ҳуқуқии ҷинояти (уголовно-правовую компенсацию)-ро ба андозаи то панҷоҳ фоизи зарари (зиёни) дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда, ҳамчун шаклҳои пушаймонӣ аз кирдор эътироф менамояд. КҶ Ҷумҳурии Беларус назар ба м. 72 КҶ ҶТ пушаймонӣ аз кирдорро нисбатан васеътар шарҳ додааст.

Дар диспозитсияи моддаи 65 КҶ Ҷумҳурии Казоқистон [9] пушаймонӣ аз кирдор чунин муқаррар карда шудааст, «Шахсе, ки кирдори ҷиноятӣ содир кардааст ё бори аввал ҷиноят содир кардааст, бо назардошти шахсияти шахси гунаҳгор, ихтиёран омада ба гуноҳи иқрор шудан, мусоидат намудан ба ошкор намудан, тафтишоти ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ, талофӣ намудани зарари расонида метавонад аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад”.

Бар хилофи м. 72-и КҶ ҶТ, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Казоқистон инчунин ҳолати « бо назардошти шахсияти шахси гунаҳгор»-ро пешбинӣ менамояд, ки татбиқ намудани он ба қонунгузории ҶТ мувофиқи мақсад мебошад, зеро маҳз кам гаштани хавфи ҷамъиятии худи шахсияти гунаҳгор далели пушаймонӣ аз кирдор мебошад.

Инчунин тибқи б.2 қ.1. м.65 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон шахсе, ки бори аввал ҷинояти коррупсионӣ содир кардааст, метавонад аз ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба пушаймонӣ аз кирдор танҳо аз ҷониби суд озод карда шавад. Ҳолати коррупсионии кишварро ба инобат гирифта, ворид намудани чунин муқаррарот ба м 72 КҶ ҶТ-ро мувофиқи мақсад шуморидан мумкин аст.

Қисми дувуми моддаи дахлдори КҶ Ҷумҳурии Казоқистон ҷолиби диққат мебошад, ки тибқи он «муқаррароти қисми якуми ҳамин модда нисбат ба шахсоне, ки ҷинояти террористӣ, ҷинояти экстремистӣ, дар таркиби гуруҳи муташаккили ҷиноятӣ ҷиноят содир кардаанд, ҷинояти зидди дахлнопазирии ҷинсии ноболиғон, шиканҷа, ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин содир намудаанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар моддаҳои дахлдори қисмҳои махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд, татбиқ намегардад”. Маҳдудияти мазкур нисбати ноболиғоне, ки зидди дахлнопазирии ҷинсии ноболиғи аз чордаҳ то ҳаждаҳсола ҷиноят содир кардаанд, татбиқ намегардад.

Ҷолиб он аст, ки танзими қонунгузории меъёри пушаймонӣ аз кирдор дар КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон, ки нишонаи категорияи ҷиноятеро, ки барои он озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ имконпазир аст, дар бар намегирад, балки танҳо бо чунин ифодаи васеъ маҳдуд аст: «шахсе, ки кирдори ҷиноятӣ содир кардааст ё бори аввал ҷиноят содир кардааст».

Пушаймонӣ аз кирдорро м. 57 КҶ Ҷумҳурии Молдова [11] айнан ба монанди м. 72 КҶ ҶТ муқаррар намудааст “Шахсе, ки бори аввал ҷинояти начандон вазнин ва ё дараҷаи миёна содир кардааст, агар пас аз содир намудани ҷиноят ихтиёрӣ омада, ба гуноҳи худ иқрор шавад ё ба ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат кунад ё зарари расонидаашро талофӣ намояд ё ин ки ба тариқи дигар зиёни расонидаашро рафъ кунад, мумкин аст аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад”.

Моддаи 75 КҶ Федератсияи Русия [13] пушаймонӣ аз кирдорро дар муқоиса аз м. 72 КҶ ҶТ васеътар ба таври зерин муайян намудааст: «Шахсе, ки бори аввал ҷинояти начандон вазнин ва ё дараҷаи миёна содир кардааст, агар пас аз содир намудани ҷиноят ихтиёрӣ омада, ба гуноҳи худ иқрор шавад ё ба ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат кунад ё зарари расонидаашро талофӣ намояд ё ин ки ба тариқи дигар зиёни расонидаашро рафъ кунад, ки дар натиҷаи пушаймонӣ аз кирдор хусусияти хавфнокии он аз байн равад, мумкин аст аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад».

Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ тафовути дигари ҷиддиро дар танзими қонунгузории институти пушаймонии фаъол ошкор месозад. Аз ҷумла, КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамчун яке аз шартҳои пушаймонӣ аз кирдор, хавфи

ҷамъиятиро гум кардани кирдорро пешбинӣ мекунад, ки ин дар кодексҳои ҷиноятии давлатҳои дар боло зикршуда мавҷуд нест. Чунин муқаррарот дар КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон ва КҶ Ҷумҳурии Туркманистон мавҷуд аст, ки дар он имкони озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар робита ба пушаймонӣ аз кирдор бо назардошти шахсияти ҷиноятккор ишора шудааст. Ҳамин тавр, бар хилофи м. 72-и КҶ ҶТ, КҶ Федератсияи Русия инчунин аз байн рафтани хавфнокии шахси ҷиноятккор ё кирдорро муқаррар намудааст. Ба андешаи мо муқаррар намудани чунин меъёр дар моддаи мазкур барзиёд мебошад, зеро барои «ба ҷамъият хавфнок набудан» эътироф кардани шахс танҳо иҷрои амалҳои дар м. 72 КҶ ҶТ ё амалҳои пешбининамудаи қ 1 м. 75 КҶ Русия кифоя аст.

Таҷрибаи КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон дар масъалаи танзими қонунгузории институти пушаймонӣ аз кирдор қобили таваҷҷуҳ аст. Пеш аз ҳама, эзоҳи моддаи 72-и КҶ ҶТ қайд кардан зарур аст, ки дар ин асос танҳо як маротиба аз ҷавобгарӣ озод карданро пешбинӣ мекунад.Чунин меъёрро ба КҶ ҶТ ворид намудан мувофиқи мақсад мебошад, зеро ин муқаррара сӯиистифодаи моддаи мазкурро аз ҷониби ҷиноятккорон, ки ҳар дафъа ҷиноят содир карда, бо ҳамин асос аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод мешаванд, пешгирӣ менамояд. Дар КҶ ҶТ чунин муқаррара пешбинӣ нашудааст. Бинобар ин, эзоҳро ба м. 72 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин ворид намудан мувофиқи мақсад мебошад: «шахсе, ки қаблан бо ин асос аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда буд, тибқи қисми якуми ҳамин модда наметавонад дубора аз ҷавобгарӣ ҷиноятӣ озод карда шавад». Як истисно метавонад танҳо ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршуда бошад.

Дар КҶ Ҷумҳурии Украина [14] м. 45 озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор ба тарзи зайл муқаррар шудааст «Шахсе, ки бори аввал кирдори ҷиноятӣ ё ҷинояти начандон вазнинро аз беэҳтиётӣ содир кардааст, ба истиснои ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятии хусусияти коррупсионӣ дошта ё ҷиноятҳои марбут ба коррупсия, аз ҷавобгарии ҷинояти озод карда мешавад, агар ӯ баъди содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ сидқан пушаймон шуда, дар ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат намояд ва пурра товони зарари расонидашудаоро пардохт кунад ё зиёни расонидашудаоро рафъ кунад».

Тавре ба назар мерасад, қонунгузории ҷиноятии Украина ҷиноятҳои коррупсиониро аз номгӯи ҷиноятҳое, ки пушаймонӣ аз кирдор нисбати онҳо татбиқ мегардад, истисно намудааст. Пешбинӣ намудани чунин муқаррарот дар қонунгузории ҶТ бешубҳа ба самти мубориза бо коррупсия мусоидат хоҳад кард.

Дар иртибот ба масъалаи таносуби институти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба пушаймонӣ аз кирдор ва принсипи ногузирии ҷавобгарӣ Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистонро аз 03.02.2006 № 1 «Дар бораи амалияи таъйини ҷазои ҷиноятӣ аз ҷониби судҳо», дар фасли «Дар бораи татбиқи принсипҳои умумии ҷазо», ки дар он зарурати ба судҳо фаҳмонидани моҳияти принсипи ногузирии ҷавобгарӣ, ки дар қонун муқаррар карда шудааст, қайд кардан зарур аст. Моддаи 10 дар ҳама ҳолатҳо татбиқи ҳатмии ҷазоро дар назар надорад. Бо дарназардошти ин ҳолат, судҳо бояд дар ҳар як ҳолати мушаххас масъалаи аз ҷавобгарӣ озод кардани шахсонеро, ки бори аввал ҷиноят содир намуда, хавфи калони ҷамъиятӣ надоранд, пушаймонӣ аз кирдор нишон додаанд, фаъолона дар ошкор сохтан ва баррасии ҷиноят мусоидат намудаанд, зарари расонидаашонро талофӣ намудаанд ё ин ки ба тариқи дигар зиёни расонидаро рафъ кардаанд, баррасӣ намоянд.

Ҳамин тавр, пушаймонӣ аз кирдор дар КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон – барои ҷиноятҳои начандон вазнин, дар КҶ Ҷумҳурии Молдова - барои ҷиноятҳои начандон вазнин ё дараҷаи миёна татбиқ мегардад, бо шарти бори аввал содир гардидани ин ҷиноятҳо аз тарафи шахс.Танҳо дар як ҳолат – дар Ҷумҳурии Украина – озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноӣ

ҳатмӣ мебошад ва дар ин бахш ба салоҳдиди корманди қонун вобаста нест. Мазмуни Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Украина аз он иборат аст, ки аввалан, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо аз ҷониби суд (қ. 2 м. 44) амалӣ карда мешавад, дуюм, ҳамчун ҷузъи асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба пушаймонӣ аз кирдор «сидқан пушаймон шудан» ва «пурра додани товони зарари расонидашударо» (м. 45) пешбинӣ мекунад.

Хусусияти фарққунандаи танзими озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба пушаймонӣ аз кирдор дар аксарияти кодексҳои ҷиноятии давлатҳои ИДМ дар он аст, ки мазмуни шабеҳ ба меъёре доранд, ки дар қ. 2 м. 72 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Одатан чунин ибора «бо назардошти шартҳои дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда» ба амал меояд. Дар баробари ин мавқеи қонунгузори ватанӣ, ки инибораро аз қ. 2 м. 72 КҶ ҶТ хориҷ кардааст фаҳмо аст, зеро мавҷудияти он татбиқи эзоҳҳои ҳавасмандкунанда ба моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятиро душвор менамуд.

Бояд қайд намуд, ки истилоҳи «пушаймонӣ аз кирдор» ба ғайр аз кишварҳои собиқ ИҶШС, дар қонунҳои ҷиноятии дигар кишварҳои хориҷӣ истифода намегардад. Ҳамзамон зуҳуроти гуногуни он дар қонунгузории ҷиноятии ин кишварҳо ба назар мерасад. Ғайр аз давлатҳои ИДМ, дар қонунгузории ҷиноятии аксари давлатҳои хориҷӣ ҳамчун натиҷаи ҳуқуқи ҷиноятӣ пушаймонӣ аз кирдор (рафтори мусбати баъдиҷиноятӣ) на озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, балки озод кардан аз ҷазо ё сабук кардани он пешбинӣ шудааст [16]·

Кодексҳои ҷиноятии Бразилия, Чин, Латвия, Муғулистон, Полша, Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Чех, Ҷопонро аз рӯи меъёрҳои мазкур ба гурӯҳи номбаршуда илова кардан мумкин аст. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар КҶ Ҷумҳурии Корея мафҳуми пушаймонӣ аз кирдор оварда нашудааст ва дар он ба «худ айбгузорӣ ва эътироф намудани гуноҳ» ишора мегардад: “Дар ҳолати ихтиёран эътироф намудани гуноҳ, хабар додан ба мақомоте, ки барои тафтиши ҷиноят масъул мебошанд, ҷазоро сабук кардан ё таъин накардан мумкин аст» (м.52). Ғайр аз ин, дар байни ҳолатҳои сабуккунанда («Принсипҳои умумии таъини ҷазо), аз қабили «муносибати ҷинояткор ба ҷабрдида, ҳолатҳое, ки баъди содир намудани ҷиноят ба вуҷуд омадаанд» ҷой доранд [10].

Дар баъзе кодексҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ дар қисмати умумӣ пушаймонӣ аз кирдор на танҳо барои категорияҳои алоҳидаи ҷиноятҳо, балки барои навъҳои алоҳидаи ҷиноят низ танзим шудааст.

Муқаррароти пушаймонӣ аз кирдор дар Қонуни (кодекси) ҷиноятии Латвия ягон қайдро дар бар намегирад ва танҳо зуҳуроти объективии рафтори шахси гунаҳкорро вобаста ба кирдори содиркардааш муайян мекунад. Дар Италия, Латвия ва Лаҳистон хоҳиши қонунгузор, пеш аз ҳама, имконияти мубориза зидди ҷинояткории муташаккил ва пешгирии онро таъмин менамояд. Ҳамин тавр, дар қонуни ҷиноятии Италия институти пушаймонӣ аз кирдор бар зидди мафия ва террористон бештар истифода мешавад. Қонунгузори Италия имконияти аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карданро пешбинӣ мекунад, агар шахс дар ошкор намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин, ки нисбат ба кирдори ҷиноятии худи ин шахс вазнинтар ё хатарноктар аст, мусоидати ҷиддӣ расонида бошад. Бояд қайд намуд, ки қонуни ҷиноятии Италия дар мубориза бо фаъолияти мафия ва бо мақсади пешгирии амалҳои террористӣ институти пушаймонӣ аз кирдорро васеъ истифода мебарад.

Дар баробари ин меъёрҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор ба монанди КҶ ҶТ, ҳам дар қисми умумӣ ва ҳам дар қисми махсус танзим карда мешаванд.

Ба ҳамин монанд, дар КҶ Олмон дар «асоси таъиини ҷазо»-и қисми умумии КҶ Олмон, аз қабили «рафтори баъди содир кардани кирдор, махсусан кӯшиши у барои ҷуброни товони зарар ва ба созиш расидан бо ҷабрдида» (§ 46) пешбинӣ карда шудаанд. Ҳангоми

пурра ё қисман ҷуброни зиён суд метавонад ҷазоро сабуктар намояд ё ҷазоро татбиқ накунад, ба шарте ки ҷазои вазнинтар аз маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то як сол ё ҷарима ба андозаи то 360 нишондиҳанда барои ҳисобҳо пешбинӣ нашуда бошад»(§ 46а).

Дар қисми махсуси ҳамин Кодекси ҷиноӣ §81-83 «Хиёнат ба давлат», «Тайёрӣ ба хиёнат ба давлат» §83а «Пушаймонӣ аз кирдор» пешбинӣ шудааст, ки сабук кардани ҷазоро пешбинӣ мекунад. Агар дар ин маврид меъёри пушаймонӣ аз кирдор дар банди алоҳида сабт шуда бошад, пас дар § 84 «Давом додани фаъолияти ҳизбе, ки ғайриконститутсионӣ эълон шудааст» дар яке аз қисмҳои он пешбинӣ шудааст (қисми 5).

Ин усули техникаи қонунгузорӣ аз ҷониби парлумони Олмон дар аксари ҳолатҳои дигар (қ. 3 §87, қ. 2.1 §98, қ. 6 §129, қ. 4 §142 ва ғайра) истифода мешавад, ки одатан ба дигар қонунгузории ҷиноятии хориҷӣ хос нест. Дар онҳо пушаймонӣ аз кирдор на ҳамчун яке аз ҷузъҳои модда (ё банд)-и муайянкунандаи ҷиноят, на дар шакли эзоҳҳо, мисли Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон, балки дар шакли моддаи алоҳида тартиб дода мешаванд [15].

Дар натиҷаи таҳлили КҶ Олмон ба хулосае омадан мумкин аст, ки қоидаҳо дар бораи пушаймонӣ аз кирдор дар Қисми махсус ба бандҳои алоҳида ҷудо карда мешаванд, вақте ки таъсири онҳо на ба як, балки ба якчанд модда taаллуқ дорад. Эҳтимол, бо назардошти ин таҷрибаи мушаххас, ба қонунгузории ҶТ илова кардани моддаи «Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳолатҳои содир намудани ҷиноятҳои иқтисодӣ» ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамчунин бояд гуфт, ки дар Кодекси ҷиноятии Олмон инчунин як қатор қоидаҳои махсуси пушаймонӣ аз кирдор, ки ба қонунгузории ҷиноятии ватанӣ маълум нестанд, пешбинӣ шудааст. Бо роҳи имконпазири сабук кардани ҷазо ё даст кашидан аз он, масалан, ихтиёран ошкор намудани далелҳои садамаи нақлиётӣ аз ҷониби иштирокчии он дар давоми 24 соат (қисми 4 § 142), ислоҳи шоҳидии бардурӯғ (§ 158) ҳавасманд карда мешавад. Инчунин сабукгардонии эҳтимолии ҷазо – агар иҷрокунанда аз гаравпулие, ки талаб мекард, даст кашида, ба баргардондани ҷабрдида ба ҷои фаъолияти ҳаёти ӯ мусоидат кунад(қ. 4.1 § 239а); татбиқ накардани ҷазо - ихтиёран хабар додан дар бораи расмикунонии пул, пинҳон кардани фоидаи молу мулки ғайриқонунӣ ба даст овардашуда, мусоидат ба нигоҳ доштани предмети ин ҷиноят (қ. 9 § 261) [15]· пешбинӣ карда шудааст.

Чунин ба назар мерасад, ки нисбат ба КҶ Олмон ин хулоса баҳснок аст, зеро мувофиқи дастурҳои махсус нисбат ба ҷиноятҳои мушаххас на танҳо суиқасд, балки ба ҳамон кирдорҳое, ки, ба андешаи муаллиф, «кӯшиши хотимаёфта»-ро ифода мекунад, ҷазо дода мешаванд. Дар баробари ин, пешгирӣ ё кам кардани оқибатҳое, ки аз доираи таркибии ин ё он ҷиноят берунанд, ҳавасманд карда мешавад. Гуфтаҳои боло инчунин барои арзёбии қонуни ҷиноятии Швейтсария дар ин масъала таалluқ доранд, ки дар он, масалан, мувофиқи м. 260 Кодекси ҷиноятии Швейтсария, суд метавонад бо салоҳдиди худ ҷазоро кам кунад (моддаи 66), агар шахс ба кӯшиши пешгирӣ кардани «фаъолияти минбаъдаи ҷиноятии» ташкилоти ҷиноятие, ки ӯ узви он мебошад, хотима диҳад [17].

Умуман, чунин равиши қонунгузории Олмон ба танзими рафтори мусбати баъди ҷиноятӣ дар КҶ Фаронса низ истифода мешавад, ки дар қисми умумии он дар қатори асосҳои озод кардан аз ҷазо, аз ҷумла ҷуброни зарар ва қатъ намудани оқибатҳои зарарнок, ки бо кирдори ҷиноятӣ ба амал омадааст (м.м. 132-59), муқаррарот мавҷуд аст.

Тибқи моддаҳои 414-2, 414-3-и Кодекси ҷиноятии Фаронса, шахсе, ки қасди содир кардани ҷиноятҳоеро дошта бошад, ки ифшонопазирии сирри мудофиаи миллиро халалдор месозад ё дар тавтиъа иштирок карда бошад, аз ҷазо озод карда мешавад, агар дар дар ҳолати аввал ба пешгирӣ кардани содир намудани кирдори ҷиноятӣ ва муайян кардани ҷинояткорони дигар оварда расонад, дар ҳолати дуюм, хабарро ба мақомоти салоҳиятдор ошкор намояд ва ба ошкор сохтани шарикони дигар мусоидат кунад. Барои ҳолатҳои пешгирии амали террористӣ ё ба вуқуъ омадани марг ҳангоми тайёр кардани он ҳатмӣ ва

бечунучаро озод кардан аз ҷазо ё мутаносибан нисфи ҷазоро кам кардани он пешбинӣ шудааст (моддаи 422-1,422-2) [16]·.

Дар асоси таҳлили қонунгузории ҷиноятии хориҷӣ марбут ба институти пушаймонӣ аз кирдор ҳамчун асоси озод намудан аз ҷазои ҷиноятӣ як қатор хулосаҳо баровардан мумкин аст. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор – вобаста ба рафтори мусбати баъди ҷиноятӣ дар айни замон дар ин ё он шакл қариб дар ҳама Кодексҳои ҷиноии кишварҳои ИДМ ё санадҳои меъёрии дахлдор инъикос ёфтааст. Дар муқоиса бо КҶ ҶТ, ин санадҳо, бешубҳа муқаррароте доранд, ки сазовори таваҷҷӯҳи қонунгузори ватанӣ мебошанд. Дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ институти меъёрҳои ҳавасмандгардонӣ вобаста ба озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор ҷой доранд, ки бомуваффақият истифода мешаванд. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳои давлати давлатҳои ИДМ озодкунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба пушаймонӣ аз кирдорро ба монанди КҶ ҶТ истифода мебаранд.

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Бриллиантов А.В. Освобождение от уголовной ответственности: с учетом обобщения судебной практики / А.В. Бриллиантов. – Москва: Проспект, 2019. – 111 с.*
2. *Бутенко Т.П., Петров М.Г. Оценка общественной опасности лица в контексте применения ч.1 ст.75 УК РФ / Бутенко Т.П., Петров М.Г. // Законность. - 2012. - № 9. - С.55-56.*
3. *Кушнарев В.А. Деятельное раскаяние в уголовном праве / В.А. Кушнарев. – Омск: Омск. ин-т (филиал) РГТЭУ, 2010. – 206 с.*
4. *Модельный Уголовный кодекс государств-участников Содружества Независимых Государств// Вестник Межпарламентской Ассамблеи Стран СНГ. – Санкт–Петербург, 1998. - №3.*
5. *Уголовный кодекс Азербайджанской Республики [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.icnl.org/research/ library/files/ Azerbaijan/criminal_code_rus.pdf(Санаи муроҷиат: 16.12.2023).*
6. *Уголовный кодекс Республики Армения 2003 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://geum.ru/next/art-269435.leaf-9.php. (санаи муроҷиат: 16.11.2022).*
7. *Уголовный кодекс Республики Беларусь 1999 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://bel-kodeksy.com/uk_rb/371.htm. (санаи муроҷиат: 14.11.2022).*
8. *Уголовный кодекс Республики Грузия 1999 г[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://matsne.gov.ge/ru/document /download/ 16426/143 /ru/pdf. (санаи муроҷиат: 01.03.2022).*
9. *Уголовный кодекс Республики Казахстан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https: // online. Zakon. Kz/ document/? Doc _id= 31575252#pos=66; –45 (дата обращения: 19.10.2023).*
10. *Уголовный кодекс Республики Корея. – Санкт-Петербург, 2004. – 238 с.*
11. *Уголовный кодекс Республики Молдова от 18 апреля 2002 года № 985-XV (с изменениями и дополнениями по состоянию на 24.11.2023) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30394923 (дата обращения: 19.10.2023).*
12. *Уголовный кодекс Республики Узбекистан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://fmc.uz/legisl.php?id=k_ug (санаи муроҷиат: 12.10.2022).*
13. *Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 года № 63-ФЗ (с изменениями и дополнениями по состоянию на 21.11.2022) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:*

*https://online.zakon.kz/ Document /? doc_id= 30397073&doc_id2 =30397073#activate_doc= 2&pos=52;-102&pos2=1601;-106 (Санаи мурочиат: 23.10.2023).*

**14.** *Уголовный кодекс Украины от 2001 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://meget.kiev.ua/kodeks/ugolovniy- kodeks/razdel-1-14/. (санаи мурочиат: 02.02.2022).*

**15.** *Уголовный кодекс Федеративной Республики Германия. - Санкт-Петербург, 2003. – 522 с.*

**16.** *Уголовный кодекс Франции. – Санкт-Петербург, 2002. – 648 с.*

**17.** *Уголовный кодекс Швейцарии. - Санкт-Петербург, 2002. – 348 с.*

**REFERENCES:**

1. *Brilliantov A.V. Release of Criminal Liability: taking on generalization of the trial / A.V. Brilliantov. – Moscow: Prospect, 2019. – 111 pp.*
2. *Butenko T.P., Petrov M.G. Assessment of Social Dangers of Official Groups in the Context of Application p.1 PP.75 CC RF / Butenko T.P., Petrov M.G. // Legality. - 2012. - № 9. - PP.55-56.*
3. *Kushnarev V.A. Active Repentance in Criminal Law / V.A. Kushnarev. – Omsk: Omsk institute. (filiation) RSTEU, 2010. – 206 pp.*
4. *Model Criminal Code of States – participants of the Commonwealth of Independent States //Bulletin of inter-Parliamentary Assembly of Countries of CIS. – Saint-Petersburg, 1998. №3.*
5. *Criminal Code of Azerbaijan [Electronic resources]. – Date of access: URL: http://www.icnl.org/research/ library/files/ Azerbaijan/criminal_code_rus.pdf(date of appeal: 16.12.2023).*
6. *Criminal Code of Armenia 2003. [Electronic resource]. – Date of access: URL: http://geum.ru/next/art-269435.leaf-9.php. (date of appeal: 16.11.2022).*
7. *Criminal Code of Belarus 1999. [Electronic resource]. – Date of access: URL: http://bel-kodeksy.com/uk_rb/371.htm. (date of appeal: 14.11.2022).*
8. *Criminal Code of Georgia 1999 [Electronic resource]. – Date of access: URL: https://matsne.gov.ge/ru/document /download/ 16426/143 /ru/pdf. (date of appeal: 01.03.2022).*
9. *Criminal Code of Kazakhstan [Electronic resource]. – Date of access: URL: https: // online. Zakon. Kz/ document/ ? Doc _id= 31575252#pos=66; –45 (date of appeal: 19.10.2023).*
10. *Criminal Code of Korea. Saint-Petersburg, 2004. – 238 pp.*
11. *Criminal Code of Moldova from April 18, 2002 № 985-XV (amended and supplemented by condition on 24.11.2023.) [Electronic resource]. – Date of access: URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30394923 (date of appeal: 19.10.2023).*
12. *Criminal Code of Uzbekistan [Electronic resource]. – Date of access: URL: http://fmc.uz/legisl.php?id=k_ug (date of appeal: 12.10.2022).*
13. *Criminal Code of Russian Federation from June 13, 1996 № 63-FZ (amended and supplemented by condition on 21.11.2022 г.) [Electronic resource]. – Date of access: https://online.zakon.kz/ Document /? doc_id= 30397073&doc_id2 =30397073#activate_doc= 2&pos=52;-102&pos2=1601;-106 (date of appeal: 23.10.2023).*
14. *Criminal Code of Ukraine 2001. [Electronic resource]. – Date of access: URL: http://meget.kiev.ua/kodeks/ugolovniy- kodeks/razdel-1-14/. (date of appeal: 02.02.2022).*
15. *Criminal Code of Germany. –Saint-Petersburg, 2003. – 522 pp.*
16. *Criminal Code of France. – Saint-Petersburg, 2002. – 648 pp.*
17. *Criminal Code of Switzerland. – Saint-Petersburg, 2002. – 348 pp.*